**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи ш.Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов, 64/14**

## ТАҚРИЗИ

**муқаррizи расмӣ ба диссертатсияи Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

1. **Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи тахассусии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти илмии 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз: б.10.1. Ташаккули системаи бонкӣ ва инфрасохтори он дар шароити иқтисоди бозорӣ, б.10.10. Навовариҳои молиявӣ дар бахши бонкӣ, б.10.15. Коркарди амсилаҳои муайян кардани нархҳо ва арзиши аслии хадамоти бонкӣ ва амалиёт, б.10.18. Проблемаҳои мувофиқасозии ташаккул ва инкишофи системаи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, б.10.22. Маҳсулоти нави бонкӣ: намудҳо, технологияи ташкил, методҳои татбиқ ҷавобгӯй мебошад ва асоснок будани мавзӯи илмии унвонҷӯро дар шароити имрӯза нишон медиҳад.

2. **Мубрам будани мавзӯи диссертатсия**

Рушди устувор ва самарабахши иқтисодиёт бе ташаккули муносиби бозори маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои бонкӣ, ки ба талаботи истеъмолкунандагон мувофиқанд ва онҳоро қонеъ менамоянд, имкон надорад. Зеро, пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкии дастрас

ва бехавф аз ҷониби муассисаҳои бонкӣ ба истеъмолкунандагон (субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ) заминаи фаъолияти самарабахши онҳо мебошад. Бешубҳа, агар низоми бонкӣ вазифаҳои худро ба таври муносиб иҷро карда натавонад, яъне, талаботи рӯзмарраи мизоҷон ба маҳсулоти бонкӣ қонеъ гардонида нашавад, он гоҳ хавфҳои иқтисодӣ афзуда, вазъи молиявии тамоми субъектҳои иқтисодие, ки бо бонкҳо робитаи зич доранд, бад мешавад ва хатари муфлисшавиашон ба миён меояд. Вобаста ба ин гуфтаҳо қайд кардан зарур аст, ки ҳамаи ин масъалаҳои баррасигардида актуалӣ будани диссертатсияи унвонҷӯйро дар шароити имрӯза инъикос менамояд.

Унвонҷӯ дуруст қайд намудааст, ки тайи солҳои охир дар аксари кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушкилиҳои сохтори бонкӣ дар самти иҷрои вазифаҳои худ ва номукаммалӣ дар пешниҳоди маҳсулоти бонкӣ ба назар мерасад. Он дар пурра қонеъ накардани талаботи субъектҳои хоҷагидорӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ ифода меёбад. Масалан, дар бозори маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ метавон фоизи нисбатан баланди қарзҳоро мушоҳида кард. Дастрас набудани захираҳои қарзӣ барои қисми назарраси субъектҳои хоҷагидорӣ ва хусусияти манфиатҷӯёнаи муносибатҳои қарзӣ метавонад боиси дуршавии бахши бонкӣ аз соҳаҳои воқеии иқтисодиёт гардад. Ба андешаи мо, ин ҳолат боиси он мегардад, ки мавҷи нави буҳронҳоро дар иқтисоди миллӣ ба вуҷуд оранд. Ҳамин тариқ, пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳои босифати бонкӣ дар миқёси ҷаҳон, аз ҷумла дар иқтисодиёти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеияти объективӣ буда, мусоидаткунандаи рушди он мебошад.

Дар ин замина охирҳои қарни гузашта дар бозори молиявии ҷаҳонӣ заминаҳои аввалини бонкҳои исломӣ ташаккул ёфтаанд, ки маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкиро тибқи меъёрҳои шариати исломӣ пешниҳод карданд ва дараҷаи баланди эътимоднокию устувориро нишон доданд. Бонкдории исломӣ, ки тадриҷан дар иқтисодиёти аксари

кишварҳои ҷаҳон мавқеъ пайдо кард, тавонист нишон диҳад, ки дар қиёс бо бонкҳои анъанавӣ талаботи истеъмолкунандагонро сифатан беҳтар қонеъ мекунад. Ба таври дигар, амсилаи пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ дар асоси принсипҳои шариат бо манъи ситонидани фоизҳо, номуайянӣ, манфиатҷӯӣ ва хавфҳои беасос ба талаботи аксарияти субъектҳои хоҷагидорӣ пурра ҷавобгӯй мебошад. (саҳ. 40).

Вобаста ба зарурияти бонкдории исломӣ таваҷҷуҳи роҳбарияти олии кишвар низ зиёд мебошад. Ғайр аз ин унвонҷӯ дар диссертатсияи худ суханҳои роҳбари давлатро ба маврид нишон додааст. Ин зарурият боиси он гардид, ки солҳои 2013-2014 Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба тақвияти рушди ҳамкориҳо бо созмонҳои бонуфузи исломӣ суханронӣ намуда, ҳамкорӣ бо онҳоро муҳим арзёбӣ карданд. Вобаста ба татбиқи ҳадафҳои созандаи роҳбари давлат ва ҳукумати кишвар дар сатҳи низоми бонкӣ ташкил намудани бонкдории исломӣ барои ташкили муҳити рақобати солими байнибонкӣ шарти зарурӣ буд.

Дар ҷараёни таҳқиқи илмии худ унвонҷӯ дуруст қайд намудааст, ки дар айни замон яке аз бартариҳои бонкдории исломӣ дар он аст, ки новобаста ба ҳуқуқҳои исломии "шариат" асос ёфтанаш, фарогирии умумииқтисодӣ дошта ба тамоми ҷаҳон нигаронида шудааст, яъне ҳам дар кишварҳои исломӣ ва ҳам кишварҳои ғайриисломии ҷаҳон бомуваффақият рушд карда метавонад, ки натиҷаи амалии онро дар боби дуюм ва сеюми диссертатсия дидан мумкин аст (саҳ. 64-121).

Бо шарофати истиқлолият ва ба даст овардани суботи пурраи сиёсӣ, роҳандозӣ гардидани марҳилаи созандаи Ҷумҳурии Тоҷикистсн имконият дод, ки фаъолияти муассисаҳои молиявии исломӣ омӯхта шуда, дар заминаи имониятҳои мавҷуда тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шавад. Ташаккули бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таҷдиди низоми бонкӣ, васеъ кардани доираи

фаъолияти бонкҳо, ташкили муҳити рақобати бонкӣ, ҷалби сармоя аз давлатҳои исломӣ ва ҷалби маблағҳои ба лоиҳаҳои исломӣ нигаронидашуда, диверсификатсияи амалиётҳои бонкӣ, тақвият додани таваҷҷуҳ ба сармоягузории бонкҳо ва баланд бардоштани некуаҳволии аҳолии кишварро дорад.

Бо ташаббусҳои ҳукумати кишвар ва дастгириҳои пайвастаи Роҳбари давлат ҷиҳати тақвият ва рушди низоми бонкӣ ва гуногунрангсозии фаъолияти бонкҳо бо роҳи ҷалби сармоя аз давлатҳои исломӣ заминаи қонунӣ ва меъёрӣ фароҳам оварда шуд. Вобаста ба ин заминаҳои асосии ташаккули бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ” аз 26 июли соли 2014, № 1108 ва як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрӣ мебошад, ки ин шароити зарурииро барои фаъолияти бонкдории исломӣ фароҳам сохт. Боиси дастгирист, ки дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бонкдории исломӣ нисбатан ба қарибӣ, яъне аз соли 2015 баъди кушодани равзанаҳои бонкдории исломӣ ва соли 2019 пас аз тағйири ном кардани собиқ ҶСК “Соҳибкорбонк” ба ҶСК “Тавҳидбонк” ва табдили он ба бонки исломӣ мавриди амал қарор гирифтанд, ки имконияти васеъи рушди минбаъдаи ин қисмати низоми бонкӣ дар самти рушди иқтисодиёти кишвар мебошад.

**Таҳқиқоти диссертатсионӣ муҳити васеъи иҷтимоию иқтисодиро дар шароити муосир дар бар гирифта** ба як қатор барномаву стратегияҳои дахлорӣ соҳавӣ ҳамбастагии зиёд дорад (саҳ 8). Мавзуи диссертатсия ба самтҳои асосии таҳқиқотҳои бунёдию амалӣ, аз ҷумла самтҳои таҳқиқоти анҷомшуда ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи бонкдорӣ, инчунин ба Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Нақшаи стратегии солимгардонии фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон

барои солҳои 2015-2019 робитаи зич дошта, таҳқиқот дар доираи мавзуи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи кори бонкии факултети молияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Дар шароити имрӯза вобаста ба натиҷаҳои бадастоварда таҳқиқоти диссертатсия мувафақиятҳои унвонҷӯро ҳамчун натиҷа навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар бар мегиранд, ки ҳамаи онҳоро ҳамчу фишурда ва давоми мантиқии диссертасия мукаммалан дидан мумкин аст (саҳ. 15-116). Моҳияти навгонии илмӣ - таҳқиқотӣ дар он аст, ки бори аввал дар илми иқтисодии ватанӣ раванди ташаккул ва рушди фаъолияти бонкдории исломӣ ҳамчун унсури таркибии низоми бонкии муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ ва ҳаматарафа таҳлил карда шуда, як қатор пешниҳоду хулосаҳо дар шакли сифатан нав бо равандҳои фарогирии фаъолияти бонкдории исломӣ ва равзанаҳои бонкдории исломӣ тавсия гардидаанд, ки истифодаи онҳо албатта дар шароити имрӯза ба рушди ҳаматарафаи соҳа мусоидат менамояд (саҳ. 83-85).

Илова бар нагониҳои илмии дар таҳқиқоти диссертасионӣ бадастовардшуда ва муваффақиятҳои дар ин банд бадастовардашуда мавқеи илмии уновҷӯро дар сатҳи тақиқот ҳамчун давоми мантиқӣ ва дараҷаи асоснок будани таҳқиқоти нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда дар бар мегирад. Инчунин дар он исботи натиҷаҳои амалии кори унвонҷӯ инъикос ёфта, баҳои воқеии кори Раҳмонов З.А. - ро дар бар мегирад ва аз инҳо иборатанд: (саҳ 10).

• омӯзиши мафҳумҳои назариявӣ ба бонкдорӣ ва ҷанбаҳои фарққунандаи бонки исломӣ аз бонки анъанавӣ имкон дод, ки тафсири зерин пешниҳод карда шавад, ки тибқи он: “Бонки исломӣ ниҳоди ҷудогонаи бозорӣ буда, доираи васеи хизматрасониҳои молиявӣ-қарзӣ,

инчунин тавсеаи ҳаракатҳои сармояи миллӣ ва байналмилалиро дар асоси риояи принсипҳои ҳуқуқи исломӣ - «шариат» дар шароити пешгӯинашавандаи рушди иқтисодиёт пешниҳод менамояд”;

• асоснок карда шудааст, ки дар илм равишҳои зиёди методологии баҳодиҳии бонкдории анъанавӣ мавҷуданд, аммо дар робита бо бонкдории исломӣ чунин равишҳои методологӣ вуҷуд надоранд ва бо ин мақсад истифодаи методологияе, ки ҳангоми баҳогузории бонкҳои анъанавӣ истифода мешавад, мувофиқи мақсад шуморида мешавад. Аз ҷумла, нишондиҳандаҳои зерин: эътимоднокӣ, даромаднокӣ, пардохтпазирӣ, хароҷотбарорӣ, кифоятии сармоя, сохтор ва сифати дороиҳои бонк баҳогузорӣ карда мешаванд. Дар баробари ин, методологияи баҳодиҳии ҳиссаи мутлақ ва нисбии бонк дар бозор, хароҷоти сармоя, шумораи муштариён, ки бо нишондиҳандаҳои шабеҳи рақибони асосӣ муқоиса мегарданд, арзёбӣ мешаванд;

• асоснок карда шудааст, ки бонкҳои исломӣ ҳам дар кишварҳои исломӣ ва ҳам ғайриисломии ҷаҳон рушд мекунанд. Дар рушди бонкдории исломӣ дар кишварҳои ғайриисломӣ ба монанди Британияи Кабир, дар байни кишварҳои исломӣ – Арабистони Саудӣ, Ҷумҳурии Исломии Эрон, кишварҳои ИДМ - Қазоқистон пешсаф мебошанд. Ҷамъбасти омӯзиши таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки ташаккулёбии бонкҳои исломӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ хусусиятҳои зерини умумӣ дорад: ҷорӣ намудани баъзе маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои бонкии исломӣ (кушодани равзанаҳои исломӣ дар бонкҳои анъанавӣ); пайдоиши бонкҳои комилан исломӣ; ташаккули ташкилотҳои ғайрибонкии молиявии исломӣ.

• исбот карда шудааст, ки нишондиҳандаҳои асосии тавсифкунандаи фаъолияти бонкҳои ватанӣ моҳияти гуногунсамт доранд, ки бо мавҷуд набудани таҷрибаи кофӣ, норасоии маблағҳои муомилотӣ, малакаи пасти касбӣ ва ғайра вобаста аст. Аз ҷумла: муайян карда шудааст, ки аз рӯи даромаднокии дороиҳо, сармоя ва даромади

холиси фоизӣ дар кишвар ҶСК "Ориёнбонк" мавқеи пешсафро ишғол мекунад. Ҷойи дуюм аз рӯи ин меъёр дар бозори молиявӣ ба ҶСК "Бонки Эсхата" тааллуқ дорад. ҶСК "Тавҳидбонк", новобаста аз он ки дар марҳилаи ибтидоии фаъолият қарор дорад аз рӯи нишондиҳандаи "меъёри пардохтпазирӣ" мавқеи пешсафиро касб кардааст.

• исбот шудааст, ки дар байни бонкҳои тиҷоратии ватанӣ "Тавҳидбонк"-и исломӣ нишондиҳандаи аз ҳама баланди эътимоднокии ҷории ниҳоӣ дорад. Баъдан, БДА ҶТ "Амонатбонк" дар ҷои дуюм ва ҶСК "Бонки Эсхата" дар ҷои сеюм қарор доранд. Ин ҳолат бо он вобаста аст, ки бонки нави исломӣ то ҳол иқтидори худро пурра фаъол истифода накардааст, чунки байни истеъмолкунандагони хизматрасониҳои бонкӣ бинобар надонистани хусусиятҳои маблағгузории исломӣ шумораи муштариён ҳанӯз ба таври зарурӣ зиёд нашудааст. Аз ин рӯ, арзиши баландтари коэффитсиенти пардохтпазирии кулли "Тавҳидбонк" маънои онро дорад, ки дороиҳои пардохтпазир комилан уҳдадориҳои худии муштаракро мепӯшонанд.

• амсилаи иқтисодӣ ва математикӣ таҳия шудааст, ки мувофиқи он ба даромаднокии "Тавҳидбонк"-и исломӣ, сохтори дороиҳо ва уҳдадориҳо, инчунин арзиши сармояи муҳофизатии бонк таъсири нисбатан зиёд дорад. Ҳамчун самтҳои дурнамои рушди бонкдории исломӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуданд, ки онҳо: омода кардани кормандони баландихтисос дар соҳаи бонкдории исломӣ, паҳн намудани фурӯши маҳсулоти бонкии исломӣ, риояи принсипҳои шариати исломӣ дар бонки исломӣ, тақвият бахшидани ҳамкорӣ бо кишварҳое, ки дар самти рушди бонкдории исломӣ соҳиби муваффақияти назаррас шудаанд, дар Бонки миллии Тоҷикистон ва "Тавҳидбонк" ташкил кардани марказҳои доимоамалкунандаи омӯзишӣ оид ба маблағгузории исломӣ, ташкили сохтори идоракунии махсуси ба хавф нигаронидашуда дар сохтори бонкдории исломӣ мебошанд. Исбот карда шудааст, ки рушди минбаъдаи бонкдории исломӣ аз ташаккули

ниҳодҳои ҳамшафати муассисаҳои молиявии исломӣ, аз ҷумла ширкатҳои суғурта вобаста аст.

Ҳамчунин дар таҳқиқоти диссертатсионӣ эътимоднокии хулосаҳо бо натиҷаҳои амалӣ ва таҳлилҳои соҳавӣ асоснок гардида, унвонҷӯ як қатор нишондиҳандаҳоро мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор дода то як андоза ба натиҷаҳои хуби илмӣ ноил гардидааст.

4. **Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Аҳамияти назариявии таҳқиқот аз рушди илми иқтисодии ватанӣ тавассути ба доираи илмӣ ворид сохтани хулосаҳои илмӣ оиди аҳамияти иҷтимой-иқтисодӣ, моҳият ва механизмҳои фаъолияти бонкдории исломӣ дар ташаккули бозор дар иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст. Натиҷаҳои илмии дар рисола мавҷудбуда метавонанд ҳамчун заминаи назариявии таҳқиқотҳои нав дар соҳаи бонкдории исломӣ истифода карда шаванд. Ғайр аз ин аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои асосии рисола метавонанд дар татбиқи сиёсати бонкӣ ва пулии Бонки миллии Тоҷикистон, дар ташкили сохторҳои дигари молиявии исломӣ дар ҷумҳурӣ истифода шаванд. Тавсияҳои алоҳидаи рисолаи илмӣ метавонанд дар фаъолияти Бонки исломии иноватсионии “Тавҳидбонк” истифода шаванд ва баъзеи онҳо аллакай татбиқи худро дар фаъолияти он пайдо кардаанд. Дар баробари ин, баъзе хулосаҳои дар таҳқиқоти мазкур овардашуда барои ҷалби сармояи исломии хориҷӣ аҳамияти амалӣ доранд, ки метавонанд барои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва корхонаҳои алоҳида манфиат дошта бошанд (саҳ. 89-106).

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Дар таҳқиқоти анҷомгардида вобаста ба татбиқи бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зиёд кардани саҳми бонкҳои исломӣ дар таъмини рушди иқтисодиёт таҳлилҳо анҷом дода шуда, роҳҳои ҳалли мушкилотҳои мавҷуда таҳқиқ ва баррасӣ гардидаанд.

Ҳамчунин усулҳои умумиилмӣ ба монанди муносибати ҷиддӣ ба объект ва мавзуи таҳқиқот, мантиқи диалектикӣ, таҳлил ва синтез, муқоиса ва ҷамъбаст, гурӯҳбандӣ, моделсозӣ, ки эътимоднокии рисолаи илмиро таъмин мекунад, истифода шудаанд.

Ҳамзамон қайд кардан зарур аст, ки баҳои воқеӣ ва қаблии таҳқиқоти диссертатсияи унвонҷӯро интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия ташкил медиҳад, ки натиҷаҳои асосии он дар 7 мақолаҳои илмии муаллиф, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаву нашрияҳои мансуб ба номгӯйи маҷаллаву нашрияҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд (саҳ. 153-155).

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия вобаста ба ҳадаф, вазифаҳо ва мантиқи дохилии таҳқиқот муайян шудааст. Рисолаи илмӣ аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи адабиёт, ки 163 номгӯйро дарбар мегирад, иборат аст. Мазмуни пурраи диссертатсия дар ҳаҷми 181 саҳифаи матни асосӣ, аз ҷумла, 8 формула, 2 расм, 31 ҷадвал, 13 диаграмма баён гаштааст, ки бо талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯймебошад (саҳ. 17).

Унвонҷӯ татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертасионии худро дар бобҳо ва параграфҳои алоҳида мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор додааст, ки тафсири конкретии онро дар шакли зайл мушоҳида кардан осон мебошад.

Унвонҷу дар боби якуми диссертатсия “Ҷанбаҳои назариявӣ ва методии рушди бонкдории исломӣ» асосҳои институтсионалии рушди бонкдории исломӣ дар шароити муосир, равишҳои методии ташаккул ва баҳодиҳии фаъолияти бонкҳои исломӣ, таҷрибаи ҷаҳонии рушди бонкдории исломӣ дар кишварҳои исломӣ ва ғайриисломӣ баррасӣ ва таҳқиқ гардида, мавқеи муаллиф муайян карда шудааст, ки он пурра қисмати аввали таҳқиқотро фаро мегирад (саҳ. 19-52).

Ҳамчунин давоми мантиқӣ ва шакли амалии рисоларо дар боби дуюми диссертатсия “Бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои рушди он” таҳқиқ намуда, тамоюлҳои рушди низоми бонкии

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва имконоти рушди бонкдории исломӣ, таҳлили муқоисавии бонкдории исломӣ ва бонкдории анъанавӣ дар шароити муосир, хавфҳо дар фаъолияти бонкӣ ва таъсири онҳо ба натиҷаҳои ниҳоии бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ ва пешниҳод намудааст, ки он қисмати амалии рисолаи унвонҷӯро дар бар мегирад (саҳ.64-106).

Ҳамчунин дар боби сеюми диссертатсия "Дурнамои рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", омилҳои ба бонкдории исломӣ таъсиррасон ва роҳҳои ба инобат гирифтани онҳо дар пешбурди сиёсати бонкӣ, самтҳои афзалиятноки рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардида, вобаста ба як қатор нишондиҳандаҳо ва натиҷаҳои дақиқ хулосабарорӣ шудааст.

Дар хулоса ва пешниҳоди диссертатсия бошад, андешаҳои илман асосноккардашудаи муаллиф ҷиҳати рушди ҳаматарафаи бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва омилҳои ба он таъсиррасон инъикос гардидаанд, ки онро натиҷаи таҳқиқоти унвоҷӯ гуфтан зарур мебошад (саҳ. 155-163).

**5. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ дар як қатор маҷаллаҳои илмии тақризшванда нашр гардиданд, ки давоми мантиқиии кори анҷомгардида мебошад. Илова бар ин муқарраротӣ натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 7 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумал 5 мақола дар маҷаллаву нашрияҳои мансуб ба нашрияҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Маҷмуан ҳаҷми корҳои илмии чопгардида вобаста ба мавзуи диссертатсия 6,2 ҷ.ч-ро ташкил медиҳад, ки тибқи талаботҳои мавҷуда мухтавои асосии паҳлуҳои гуногуни диссертатсияро инъикос менамояд.

**6.Мутобиқати барасмиятдорории диссертатсия ба талаботҳои Комиссия.**

Диссертатсияи унвонҷӯ дар заминаи муқаррароти низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардида, муқадима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, обекти таҳқиқот, мавзӯи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертасия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатси ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифта, асосҳои илмӣ ва амалии онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд. Ғайр аз ин як қатор меъёрҳои дигари диссертатсия низ, ки онҳо аз ҳаҷм диссертатсия, ҷадвалу диаграммаҳо, ададбиётҳои истифодашуда ва монанди инҳо аз тарафи унвонҷӯ ҳагоми таҳияи диссертатсия риоя гардидаанд.

Таҳқиқоти диссертасионии унвонҷӯ аз он нуктаи назар қобили дастгирӣ мебошад, ки дар шароити имрӯза таъмини талаботи доимоафзояндаи аҳолӣ ба захираҳои пулӣ аз ҳисоби бонкҳои исломӣ ва равзанаҳои исломӣ ба таври иловагӣ дар сатҳи зарурӣ дар ояндаи наздик метавонад қонеъ гардонида шавад. Вобаста ба ин унвонҷӯ ташаккул ва рушди бонкдории исломиро дар заминаи як қатор нишондиҳандаҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, аз рӯи имконият заминаҳои минбаъдаи рушди онро муайян намудааст. Ғайр аз ин гуфтан мумкин аст, ки унвонҷӯ дар доираи мавзуи таҳқиқгардида таҷрибаи кофӣ дошта, таҳлиҳоро дар доираи бонкдории исломӣ моҳирона иҷро намудааст. Илова бар ин гуфтаҳо дар диссертатсия муваффақиятҳои илмии унвонҷӯро зиёд мушоҳида намудан мумкин аст (саҳ. 57).

Қисми хулосаҳои диссертатсия мантиқӣ буда, дар заминаи таҳлилҳо ва натиҷаҳои бадастовардашуда сохта шудааст. Ғайр аз ин натиҷаҳои муваффақиятомезӣ уновнҷӯро, ки он аз ду қисмати асосӣ иборат мебошад, ба таври комил дар анҷоми диссертатсия дидан мумкин аст (саҳ. 155-164).

## 7. Камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ

Дар ҷараёни таҳқиқи масъала новобаста аз муваффақияту комёбиҳои дар диссертатсия аз тарафи унвонҷӯ бадастовардашуда, ки дорои арзиши баланди илмӣ мебошанд, як қатор камбудию норасоиҳоро низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки онҳо арзиши баланди таҳқиқотро коста наменамоянд. Ҳамзамон бо ин ислоҳи норасоӣ ва камбудиҳои мазкур моҳияти амалию методологии диссертатсияро беҳтар менамуданд:

**1.** Унвонҷӯ дар боби 1-ум, параграфи 1.1. - «Асосҳои институсионалии рушди бонкдории исломӣ дар шароити муосир»-ро мавриди баррасӣ қарор дода дар ин параграф нуқтаи назари як қатор олимону коршиносони соҳаро вобаста ба бонкдории исломӣ мариди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст (саҳ. 20, 21, 31, 32). Аз нуқтаи назари мо, хуб мешуд, агар унвонҷӯ андешаву пешниҳодҳои олимони дохилие, ки дар ин масъала кор кардаанд истифода намуда, андешаи худро низ вобаста ба ин масъала дар ҷадвал нишон медод;

2. Агар чанде, ки боби 1-ум - «Ҷанбаҳои назариявӣ ва методии рушди бонкдории исломӣ» номгузорӣ шудааст, зарур буд, ки дар баробари ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ мушкилотҳои ҷойдоштае, ки дар ин самт монеа эҷод менамоянд, таҳлилҳои омилии хусусияти назариявидоштаро манзур менамуд (саҳ.36-51);

3. Муаллиф дар параграфи 2.2. “Таҳлили муқоисавии бонкдории исломӣ ва анъанавӣ дар шароити муосир”-ро мариди таҳлил қарор додааст. Лекин дар параграфи мазкур таҳлилҳои муқоисавӣ нокифоя буда, зарурият ба таҳлили омилии бештар доранд.

4. Сатҳи сифати таҳқиқот беҳтар мегардид, агар муаллиф дар охири ҳар як параграф натиҷаи тақиқоташро дар шакли хулосаю пешниҳодҳо дар шакли факту рақамҳо инъикос менамуд;

5. Баъзе таклифу пешниҳодҳои муаллиф (ҷадвали 2.3.1. ва 2.3.2) баҳсталаб буда, асосноккунии иловагиро талаб менамояд.

6. Дар диссертатсия баъзе камбудиҳои техникӣ, имлоӣ, услубӣ ва мантиқӣ роҳ дода шудаанд.

Илова бар ин қайд кардан зарур аст, ки эродҳои ҷойдошта арзиши баланди рисолаи илмиро коста намегардонад ва унвонҷӯ сазовори дараҷаи номзади илм аз рӯи ихтисоси нобурда мебошад.

**8. Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия.**

Бо ибрози чунин нуқтаи назар гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович дар мавзуи «Ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо ихтисоси 08.00.10-Молия, гардиши пул ва қарз дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои мавҷудбуда мутобиқ мебошад.

Иловатан гуфтан зарур аст, ки диссертасияи таҳқиқгардидаи Раҳмонов Зафарҷон Абдусамадович ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияи номзадӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.10-Молия, гардиши пул ва қарз мувофиқат намуда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори**
**кафедраи географияи иқтисодӣ ва сайёҳии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Умаров Хоҷамаҳмад**

**Суроға. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**Хиёбони Рудакӣ, 17, Душанбе, 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Тел: ((+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227 -15-10**
**Факс (+992-37) 227-15-10**
**Почтаи электронӣ: info@tnu.tj**

**Дурустии имзои Умаров Ҳ.-ро тасдиқ мекунам.**

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**

31.05.23